*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №24 (2851) | СЕШАНБЕ, 28 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Мукофоти пулӣ барои се ҷойи аввал

**24 феврали соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои бо мукофоти пулӣ сарфароз гардонидани варзишгарони тоҷик, ки дар бозиҳои 30 – юми олимпии Лондон – 2012 ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро ишғол менамоянд, амр имзо намуд. Тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як барандаи медали тилло 300 ҳазор, медали нуқра 250 ҳазор ва биринҷӣ 200 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ муқаррар карда мешавад.**

Ин нишонаи возеҳи дастгирии бевоситаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз варзишгарони ояндадори тоҷик ба хотири рушди варзиш ва тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим дар миёни ҷавонону наврасон аст.

Маҳз натиҷаи таваҷҷуҳи хосаи Президенти кишвар ба ин соҳа аст, ки солҳои охир дар тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон варзишгоҳҳои муҷаҳҳази муосир, майдону толорҳои гуногуни варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва ғайра бунёд меёбанд.

Умед аст, ки минбаъд варзишгарони тоҷик натиҷаҳои аз гузаштаю имрӯза ҳам беҳтар, аз ҷумла дар бозиҳои 30 – юми олимпии Лондон – 2012 нишон дода, парчамбардорони Тоҷикистони азиз дар мусобиқаҳои бонуфузи минтақавию ҷаҳонӣ мегарданд.

*www.prezident.tj*

## Сӯҳбати телефонии Эмомалӣ Раҳмон бо Дмитрий Медведев

**25 феврали соли 2012 бо ташаббуси ҷониби Россия гуфтугӯйи телефонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев доир гардид.**

Сарони ду давлат доираи масъалаҳои муносибатҳои дуҷонибаи байни кишварҳояшон ва дурнамои рушди онҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ мавриди муҳокима қарор доданд.

Ҷонибҳо ҳамчунин атрофи масъалаҳои доғи рӯзи байналмилалии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мубодилаи афкор намуданд.

Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Федератсияи Россия ба ҷанбаҳои алоҳидаи ҳамкориҳои минтақавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, зарурати дар минбаъда ҳам ҳамоҳанг сохтани саъю талошҳои ҷонибҳоро дар ин самт таъкид карданд.

*www.prezident.tj*

## Қарори
## Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи бақайдгирии аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда ва тасдиқи ваколатҳои онҳо

Мувофиқи моддаҳои 12, 51, 52 ва 56 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихоботии вилояти Суғд №2, вилояти Хатлон №3 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5 оид ба ҷамъбасти интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шахсони зерин, ки бо аксарияти овозҳо аз тарафи вакилони интихобкунандаи маҷлисҳои дахлдори маҳаллии вакилони халқ рӯзи 25 феврали соли 2012 аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд, ба қайд гирифта шуда, ваколатҳояшон тасдиқ карда шаванд:

**аз ҳавзаи интихоботии вилояти Суғд №2**

Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович- соли таваллудаш 1957, узви Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, раиси шаҳри Истаравшани вилояти Суғд;

**аз ҳавзаи интихоботии вилояти Хатлон №3**

Тавакалов Абдуҷон Шарифович- соли таваллудаш 1953, узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон;

**аз ҳавзаи интихоботии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5**

Абдураҳмонов Саидумрон Назарович- соли таваллудаш 1957, узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Рашт;

Тағоев Саймурод- соли таваллудаш 1952, узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Рӯдакӣ.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ш.ШОҲИЁН**

**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон — В.НАИМОВА**

**ш.Душанбе, 26 феврали соли 2012 № 7**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**27 феврали соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Баъд аз қабули қарор дар бораи тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ аъзои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии масъалаҳо шурӯъ намуданд.

М. Ватанов – раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон се масъалаи аввали рӯзномаро ҷиҳати баррасӣ пешниҳод карда, шарҳ дод.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пешниҳоду эродҳои зимни муҳокима баёншуда қарорҳои алоҳида қабул карда, масъалаҳоро – «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Аъзои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни муҳокимаи масъалаи навбатии рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ, ки онро муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология М. Ҳисориев шарҳ дод, фикру мулоҳизаҳои хешро иброз доштанд.

Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаи мазкур бо ба инобат гирифтани андешаҳои баёншуда қабул ва ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардид.

Масъалаи зерини рӯзнома – «Дар бораи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ», ки аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А. Азимов, мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов тавзеҳ дода шуд, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид намудан ба лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум дастгирӣ ёфт.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул шуданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

**● Барномаи ислоҳоти судӣ- ҳуқуқӣ дар амал**

## Мақсад таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аст



Оид ба татбиқи Барномаи ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011 таҳти № 976 тасдиқ гардидааст, аз ҳисоби кормандони дастгоҳи Шӯрои адлия ва судяҳои ботаҷриба гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 2-юми Нақшаи чорабиниҳо намунаи шакли ҳисоботӣ таҳия ва ба судҳо ирсол гардид, ки тибқи он ҳар як судя доир ба фаъолияти кориаш ахбори муфассал пешниҳод менамояд ва он мавриди таҳлилу баҳодиҳӣ қарор мегирад.

Ҷамъбасти фаъолияти солонаи судҳо нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани ин усули корӣ ба беҳдошти фаъолияти судҳо дар самти қабули қарорҳои қонуниву асоснок ва сари вақт, дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун баррасӣ гардидани парвандаҳо мусоидат менамояд. Аз ин ҷост, ки бекоршавии санадҳои судӣ дар судҳои ҷумҳурӣ аз 861 адади соли 2010-ум ба 748 адад (0,6 фоиз) расидааст, ки 113 адад (0,2 фоиз) кам мебошад.

Тибқи талаботи бандҳои 2, 3, 5 ва 6-уми Нақшаи чорабиниҳои Барномаи номбурда вобаста ба беҳтаргардонии фаъолияти низоми адолати судӣ, ба ҳама баробар таъмин намудани дастрасии адолати судӣ ва баррасии саривақтии парвандаҳо дар суд, рушди мурофиаҳои то судӣ ва ғайрисудии ҳалли баҳсҳо, пеш аз ҳама байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ, муайян намудани тартиби дурусти тақсими парвандаҳо байни судяҳо, такмили низоми истеҳсолоти иҷрои лоиҳаҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои мурофиавии гражданӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, Қонун дар бораи истеҳсолоти иҷро таҳия гардида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардиданд.

Дар доираи талаботи банди 4 масъалаҳои пурра намудани ҳайати баъзе судҳо ва ба танзим даровардани сарбории судяҳо, ки ба ҳаматарафа ва дар мӯҳлатҳои пешбиникардаи қонун баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ ва қабули санадҳои қонунию асоснок мусоидат менамояд, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуданд. Вобаста ба ин масъала бо Фармони Президенти кишвар аз 8 апрели соли 2011 таҳти № 1044 ба судҳои алоҳида 17 воҳиди иловагии вазифаи судягӣ, аз ҷумла 2 воҳиди муовини аввали раисони судҳои ноҳиявӣ ва 35 воҳид вазифаи корманди дастгоҳи судҳо ҷудо гардид.

Барои такмил додани фаъолияти ташкилии судҳо вобаста ба махсусгардонии баррасии парвандаҳои маъмурӣ ва оилавӣ, ки аз талаботи банди 8 бармеоянд, дар ҳайати судҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ ва оилавӣ таъсис ёфтааст ва бо дарназардошти шумораи зиёди парвандаҳои зикргардида дар судҳои шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Турсунзода, Ваҳдат, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Бобоҷон Ғафуров, Ҳисор, Бохтар, Ёвон, Сино, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе баррасии онҳо ба зиммаи судяҳои алоҳида вогузор карда шудааст.

Тибқи Барномаи давлатии мубориза бо ҷиноятқорӣ барои солҳои 2008-2015 бо мақсади татбиқи ягонаи қонунгузорӣ аз тарафи судҳо давоми солҳои 2008–2011-ум 666 адад ҷамъбасти таҷрибаи судӣ бо омӯзиши зиёда аз 22000 парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои тасарруфи молу мулки ғайр, воситаҳои нашъадор, хариду фурӯши ноболиғон, ба худкушӣ расонидан ва дигарҳо гузаронида шуда, баҳри аз байн бурдани норасоиҳо дар маҷмӯъ 758 пешниҳод ирсол гардидааст.

Шӯрои адлия фаъолияти худро дар самти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар мақомоти судӣ дар доираи талаботи дастуру супоришҳои Президенти кишвар ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008 таҳти № 34 «Дар бораи Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ва аз 2 сентябри соли 2010 таҳти № 431 оид ба Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия, инчунин Барномаи дохилиидоравӣ ва Нақшаи чорабиниҳо баҳри таъмини иҷрои санадҳои зикргардида ба роҳ мондааст. Дар заминаи санадҳои ҳуқуқии номбаршуда бо фармони раиси Шӯрои адлия аз 20 сентябри соли 2010 таҳти № 25/1 аз ҳисоби кормандони ботаҷриба ва собиқадори дастгоҳи Шӯрои адлия, раёсату шӯъбаҳои он дар вилоятҳо ва раисони як қатор судҳо комиссияи корӣ таъсис дода шудааст, ки он пайваста таҳдиди хатари коррупсионӣ ва вазъи содиршавии ин қабил ҷиноятҳоро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, таклифҳо дар бораи пешгирӣ ва сабабу омилҳои ба он мусоидаткунандаро манзур менамояд.

Ҳамзамон ҷиҳати пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ дар мақомоти судӣ, инъикоси шаффофияти фаъолияти судяҳо ва робитаи шаҳрвандон бо кори судҳо сомонаи интернетии Шӯрои адлия ва судҳои ҷумҳурӣ «**www.shuroiadliya.tj**», почтаи электронии «**info@shuroiadliya.tj**» ва телефонҳои боварӣ бо рақамҳои **224-20-34, 224-09-79** низ амал мекунад.

Давоми соли сипаригардида фаъолияти 49 суд оид ба масъалаҳои сари вақт баррасӣ кардани парвандаҳо, пешниҳодҳои муассисаҳои ислоҳӣ, омода кардан ва супоридани санадҳои судӣ, қабули доимии шаҳрвандон ва ғайраҳо мавриди санҷиш ва таҳлилу омӯзиш қарор дода, натиҷаҳои онҳо бо иштироки судяҳо муҳокима ва оид ба ислоҳи камбудиҳо чораҳо андешида шудааст.

Бо дарназардошти малакаи дониши касбӣ ва собиқаи корӣ бо пешниҳоди Шӯрои адлия 124 нафар бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июн ва 19 сентябри соли 2011 ба вазифаи судягӣ таъин гардидаанд. Аз ин шумора 69 нафар аз як суд ба суди дигар гузаронида, 55 нафарашон коромӯз-судяҳо пас аз гузаштани мӯҳлати яксолаи таҷрибаомӯзӣ бори аввал ба ин вазифа таъин гардидаанд, ки аз он 13 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд.

Бо мақсади баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ, беҳтар намудани сиёсати кадрӣ аз ҷониби Коллегияи тахассусӣ санҷиши тахассусии судяҳо гузаронида шуд. Дар натиҷа, барои ба 157 судя додани дараҷаҳои якум, дуюм, сеюм, чорум ва панҷуми тахассусӣ хулоса пешниҳод гардид, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2011 таҳти № 1088 ин дараҷаҳои тахассусӣ дода шуданд.

Бо дарназардошти идомаи раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва талаботи мақомоти судӣ ба кадрҳои судягӣ, бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ 195 нафар довталабон дар имтиҳони ишғоли вазифаи коромӯз-судя иштирок намуданд, ки 75 нафарашон онҳое, ки аз ҳама холи зиёд гирифтанд, ба ин вазифа таъин гардиданд.

Ба Маркази таълимӣ ва Суди Олӣ 148 нафар судяҳо даъват шуда, дониши касбии худро бобати таҳия ва қабули санадҳои қонуниву асосноки судӣ ва дигар самтҳои пешбурди адолати судӣ тақвият бахшиданд.

Тибқи банди 80-уми Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарияти Шӯрои адлия 583 нафар ва раисони судҳо 3963 нафар шаҳрвандон қабул ва арзу шикояти онҳо баррасӣ шуд.

Дар доираи созишномаҳои Минск аз 22 январи соли 1993 ва Кишинев аз 7 октябри соли 2002 «Дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз рӯйи парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ» ба Шӯрои адлия 238 адад супориши судӣ ва 16 аризаи шаҳрвандон ворид гардидааст, ки онҳо барои иҷро ба мақомоти адлияи давлатҳои Россия, Украина, Беларусия ва дигарҳо ирсол карда, 169 супориши судии аз дигар мамлакатҳо воридгардида барои иҷро ба судҳои кишвар супорида шудаанд.

Кормандони Шӯрои адлия 116 адад лоиҳаҳои қонунҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, доир ба онҳо хулоса ва таклифу пешниҳодҳо ирсол намуданд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли гузашта аз ҷониби марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратии судҳои ҷумҳурӣ 118981 адад парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, оилавӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, дархостҳои мақомоти тафтишоти пешакӣ, пешниҳодҳои муассисаҳои ислоҳӣ баррасӣ гардиданд, ки нисбат ба соли 2010-ум 22 159 адад зиёд мебошад.

Аз ҳисоби рӯёнидани маблағҳои буҷети давлатӣ, ҷаримаситонӣ ва ошкорнамойи зарарҳои ба давлат расонидашуда судҳо маблағи умумии 89 млн. 719 ҳаз. 709 сом. ва 147 ҳаз. 796 дол. ИМА, 15133 рубли русӣ ба буҷети давлат ворид намуданд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ, инчунин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон судҳо 5159 парвандаро дар мурофиаҳои сайёри судӣ баррасӣ карда, 5757 таъиноти хусусӣ бароварда, 496 ҷамъбастҳо гузаронида, 613 адад пешниҳод ирсол намуданд.

Таҳлил ва омӯзиши ҷамъбасти сол нишон медиҳад, ки сарфи назар аз он ки сарборӣ бамаротиб зиёд гардидааст, судяҳо вазифаҳои конститутсионии худро ҷиҳати амалӣ кардани адолати судӣ дар асоси қонунгузории ҷорӣ ба роҳ монда, бо баррасии парвандаҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳоро таъмин намудаанд. Баробари ин, дар фаъолияти баъзе аз судҳо дар самти сари вақт таҳия кардан ва ба тарафҳо супоридани санадҳои судӣ, дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун баррасӣ гардидани парвандаҳо камбудиҳо ҷой дошта, мушкилиҳо дар ҳалли баҳсҳои манзил ва мерос боқӣ монда истодааст.

Аз ин лиҳоз, Шӯрои адлия ва судҳои ҷумҳурӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳояшон, ки аз Конститутсия, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои ҷорӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, қонунияту адолат, таъмини мустақилияти судяҳо бармеоянд, тамоми тадбирҳои дахлдорро роҳандозӣ намуда истодаанд, то шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз кафолатҳои конститутсионии худ оид ба ҳифзи судӣ бархӯрдор бошанд.

***З. АЗИЗОВ, раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***





Суратгир А. ИСОЕВ

# Ҳадаф - муассир гардонидани нақши парлумон дар бахши молияи давлатӣ

**24 феврал бо ибтикори Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия дар доираи лоиҳаи «Тақвият бахшидани нақши Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молияи давлатӣ» семинар доир гардид.**

Аз суханронии раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сафаралӣ Раҷабов маълум гардид, ки ҳадафи асосии ҳамоиши мазкур пешниҳоди шарҳи масъулини соҳа оиди татбиқи Стратегияи рушди миллӣ, Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва Барномаи миёнамӯҳлати харочоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар ҳамин росто дурнамои иқдомот дар ин соҳаҳо ва роҳҳои муассир гардонидани нақши Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молияи давлатӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Роҳбари намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Марша Олив ва роҳбари намояндагии Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир Билл Килби зимни суханрониҳояшон иқдоми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба баргузории ин семинар муҳиму саривақтӣ арзёбӣ намуда, муассир гардонидани нақши парламентро дар бахши молияи давлатӣ тақозои замон ва омили таъминкунандаи шаффофияти бештар дар ин ҷода номиданд. Масъалаи аввали семинар- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015-ро сардори шӯъбаи рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳамидов шарҳ дода, минҷумла зикр кард, ки ҳуҷҷати мазкур аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, ки аз ҷониби СММ қабул шудааст, ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат бахшидани раванди паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо маншаъ гирифтааст. Ҳадафи таҳияву татбиқи ин ҳуҷҷат ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии бештари аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ маҳсуб ёфта, дар доираи он барномаҳои зиёде бо ҷалби маблағҳои давлативу донорҳо амалӣ гардидаанд. Бино ба гуфти Султоншо Ҳамидов дар ин бахш камбудиҳо низ ҷой дошта, бинобар ба назар нагирифтани махсусиятҳои табииву иқлимии баъзе минтақаҳо татбиқи барномаҳо дар ин маҳалҳо ғайриқаноатбахш сурат гирифт. Ҳамчунин барои татбиқи қисми дигари барномаҳо донорҳо пайдо нашуданд. Муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Г.Бозорова оид ба Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 сухан ронда, дар маҷмӯъ тадбирҳои андешидашударо дар ин бахш қаноатбахш арзёбӣ кард. Тибқи суханони мавсуф, ислоҳоти идоракунии давлатӣ баҳри ташаккули низоми рушди миллӣ, таъмини шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, мубориза зидди коррупсия, фароҳам овардани шароити мусоиди макроиқтисодӣ ва меъёри ҳуқуқӣ барои рушд яке аз самтҳои ин ҳуҷҷат муқаррар шудааст. Ҳамчунин рушди бахши хусусӣ, ҷалби бештари сармоя ба хотири мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёт ва диверсификатсияи он тавассути таъмини рушди бахши хусусӣ мавқеи хоса дорад. Дар ҳамин росто, зимни татбиқи Стратегияи фавқуззикр таваҷҷуҳи зиёд ба рушди нерӯи инсонӣ тавассути дастрас буданихизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии кишвар, беҳбудӣ бахшидани сифати он, фаъол гардонидани иштироки аҳолӣ дар раванди рушд ва таҳкими ҳамкориҳои иҷтимоӣ зоҳир гаштааст.

Дар семинар ҳамчунин тариқи тамоси видеоӣ мушовир оиди ҷорӣ намудани Барномаи миёнамӯҳлати харочоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Армен Егиазарян мӯҳтаво ва ҳадафи татбиқи барномаи зикршударо шарҳ дод. Мавсуф мавриди амал қарор додани ин барномаро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи рушд қарор дорад, аз ҳама ҷиҳат манфиатбахш номид. Ӯ афзуд, ки дар доираи татбиқи барномаи мазкур дар самти таҳияи буҷети давлатӣ аллакай як силсилаи навгониҳо ҷорӣ шудаанд, ки самараашон дар беҳбудӣ бахшидани бахши молияи давлатӣ ҳувайдост.

Дар семинар аз тамоми кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакилон ширкат доштанд ва қисми бештарашон роҷеъ ба масъалаҳои мавриди баррасӣ андешаҳои муфид иброз намуданд.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

## Раиси шаҳри Душанбе муроҷиинро ба ҳузур пазируфт

**25 феврали соли 2012 дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тибқи тартиби ҷорӣ аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев қабули шаҳрвандоне, ки муроҷиатҳояшон дар сатҳи муовинони Раиси шаҳр ва раисони ноҳияҳо ҳалли худро пайдо накардаанд, сурат гирифт.**

Маҳмадсаид Убайдуллоев 15 нафарро дар асоси муроҷиати қаблиашон, ки аз ҷониби шӯъбаи мактубҳо ва қабули шаҳрвандони дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шуда буданд, ба ҳузур пазируфт.

Дар маҷмӯъ, мӯҳтавои муроҷиати шаҳрвандонро масъалаҳои баҳси манзили шахсӣ, дастрасӣ ба манзили истиқоматии иҷоравӣ, қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматии индивидуалӣ ва кӯмакҳои молиявию маслиҳатӣ ташкил медод, ки нисбати ҳар кадомашон тадбирҳо андешида шуданд.

***Ш.САИДОВ,***
***котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе***

## Дурнамои ҳамкориҳо баррасӣ мешавад

27 феврал дар шаҳри Брюссел Ҷаласаи дуюми Шӯрои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба кори худ шурӯъ кард. Бо ин мақсад ҳайати расмӣ таҳти роҳбарии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ ба шаҳри Брюссел сафар намуд. Зимни баргузории ҷаласа масоили татбиқи стратегияҳои Иттиҳоди Аврупо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун, ҳифзи муҳити зист ва ғайра мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар ин бора аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ гирифтем.

***Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## Семинари омӯзишӣ вобаста ба пешгирии ҳолатҳои шиканҷа

Бо мақсади иҷрои бандҳои 12 ва 13 Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2011 таҳти №13 вобаста ба масъалаи риояи талаботи механизмҳои байналмилалӣ ва миллии пешгирии ҳолатҳои шиканҷаи маҳбусон таҳти роҳбарии раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати гурӯҳи корӣ таъсис ёфтааст. Ба он намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шомил мебошанд.

Вобаста ба ин нақшаи чорабиниҳо доир ба гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар масъалаи риояи талаботи механизмҳои байналмилалӣ ва миллӣ таҳия карда шуда, аз ҷониби роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2012 тасдиқ гардидааст. Тибқи он баргузории як қатор чорабиниҳо дар вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар назар аст.

Дар асоси банди 1 нақшаи мазкур ба қарибӣ дар маҷлисгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари омӯзишӣ оид ба мавзӯи «Механизмҳои байналмилалӣ ва миллии вобаста ба пешгирии ҳолатҳои шиканҷа» доир гардид.

Дар кори семинар намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати адлия, Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, Шӯрои адлия, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, коллегияи адвокатҳо, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар масъулини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки фаъолияташон ба ҳолатҳои пешгирии шиканҷа вобастаанд, иштирок намуданд.

Дар семинар раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳкам Маҳмудов бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуда, иброз дошт, ки вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон феълан ба омили муайянкунандаи обрӯю нуфузи кишварҳо ва қабулпазирии онҳо ба созмонҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ табдил ёфта истодааст.

Аз ин лиҳоз, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ҳамчун ҷавҳари асосии сиёсати давлатӣ арзёбӣ намуда, аз мақомоти давлатӣ ва қонунгузории кишвар риояи қатъии онҳоро талаб менамоянд.

Яке аз шаклҳои зоҳиршавии поймолкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин истифодаи азобу шиканҷа, муомила, ҷазои бераҳмона ва ғайриинсонии таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсонӣ мебошад.

Масъалаи мазкур соли гузашта дар ҷаласаҳои 17-ум ва 18-уми Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон, ки моҳҳои июн ва сентябр дар шаҳри Женева баргузор гардиданд, баррасӣ шуд.

Инчунин ҳангоми баррасии Шарҳи даврии универсалии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон, ки низ рӯзҳои 3-8 октябри соли 2011 дар қароргоҳи Женевагии СММ баргузор гардид, масъалаи истифодаи азобу шиканҷа дар сархати рӯзнома қарор дошт.

Дар кори семинар намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ, ки ба гурӯҳи корӣ шомил мебошанд, бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

Дар маҷмӯъ, доир гардидани чунин чорабиниҳо ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

● Нигаронӣ

# Шитобкорӣ дар кори хайр

### ё худ гузаштан ба пахши рақамии шабакаҳои телевизионӣ ба зарару манфиати кист?

Нақши воситаҳои ахбори электронӣ, аз ҷумла шабакаҳои телевизионӣ дар ҷомеаи имрӯзаи мо хеле бузург аст. Дар ҳоле ки кори КВД «Почтаи тоҷик» дар мавриди сари вақт дастрас гардидани рӯзномаю маҷаллаҳо ба танзим надаромада, саду як иллат дорад, радио ва телевизион, дигар воситаҳои техникии электронӣ ба хотири пур кардани холигоҳи фазои иттилоотии кишвар, тарғибу ташвиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини иҷрои қонуну қарорҳо, инъикоси саривақтии раванди сохтмони иншооти азим, нақбу нерӯгоҳҳо, роҳҳо ва дигар дастоварду музаффариятҳои мамлакат ва соири дигари масъалаҳои муҳиму доғи рӯз саҳми арзанда доранд.

Беҳуда нест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар Паёми хеш ва мулоқотҳо бо мардум ба масъулини Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супориш медиҳанд, ки таҳкими ҳар чӣ бештари имкониятҳои техникии пахши барномаҳои радио ва телевизионҳои кишварро таъмин намоянд.

Хусусан, баъди гузаштан ба пахши барномаҳои шабакаҳои телевизионию радиёӣ тавассути мавҷпахшкунакҳои моҳворавӣ раванди пахши барномаҳои шабакаҳои телевизионию радиоӣ хеле вусъат ёфт ва онҳоро на танҳо дар дохили мамлакат, балки дар дигар кишварҳои олам низ тамошо мекунанд.

Гузашта аз ин, дар ин муддат шумораи шабакаҳои телевизионию радиоӣ низ ба шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва дастуру пешниҳодоти оқилонаи Сарвари давлатамон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҳақиқат як фарди ватанпарасту миллатдӯст мебошанд, бамаротиб афзоиш ёфта, ағлаби онҳо имрӯз аз 18 то 24 соат кор мекунанд. Мазмуну мӯҳтавои барномаҳо низ сатҳу сифати дигар пайдо карда, шумораи муштариёни шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ низ зиёд гардид.



Махсусан, тамошобинони дохили кишвар, ки дар ихтиёр мавҷқабулкунакҳои моҳворавӣ (антенаҳои параболӣ) доштанд, хурсанд аз он буданд, ки барномаҳои телевизонии шабакаҳои кишвари хешро бидуни ягон авоִризи техникӣ тамошо мекунанду ҳаловат мебаранд.

Аммо дастандаркорони техникии шабакаҳои телевизионии кишвар тайи чанд рӯзи охири моҳи январ ва аввали моҳи феврал эълон доштанд, ки бо сабаби гузаштан ба пахши рақамии барномаҳо тарзи дастрас кардани барномаҳо тағйир мехӯрад. Инак, шурӯъ аз 5 феврали соли равон аксари онҳое, ки тавассути мавҷгирҳои моҳворавӣ барномаҳои телевизони марказии кишварро тамошо мекарданд, аз дидани онҳо маҳрум шуданд.

Рости гап, чун арзу шикояти мардум ба намояндагии «Садои мардум» низ афзоиш ёфт, нависандаи ин сатрҳо ба хотири огоҳӣ ёфтан аз ин қазия роҳи бозори фурӯши телевизорҳо ва мавҷгирҳои электронӣ дар шаҳри Истаравшанро пеш гирифтам. Дар фурӯшгоҳи «Гули сурх» бо чанд тан аз мутахассисон ва устоҳои насби мавҷгирҳои моҳворавӣ ҳамсӯҳбат шудам.

**Мансур КАМОЛОВ - устои радио, телевизион ва мавҷгирҳои моҳворавӣ, чунин гуфт:**

-Гап дар сари он аст, ки баъди гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пахши рақамии барномаҳои телевизионӣ таҷҳизоти истифодаи он низ тағйир ёфт. Пештар мардум бо воситаи дастгоҳи нисбатан соддатари чиноии МП-2 (тюнер) имкони тамошои барномаҳои шабакаҳои телевизионии собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳонро доштанд. Чун дар Тоҷикистон ба пахши рақамии барномаҳо гузаштанд, акнун мебояд аз дастгоҳи нисбатан мураккабтари МП-4 истифода шавад. Мо то имрӯз дар хотир надорем, ки чунин дастгоҳеро дар шаҳри Истаравшан ва навоҳии атрофи он насб карда бошем. Аз ин рӯ, шумораи тамошобинони норозӣ аз ин қазия махсусан аз деҳоти Басманда, Овчӣ, Угук ва Сойири манотиқи ноҳияи Ғончӣ имрӯз хеле зиёд шудааст, чунки сокинони ин манотиқ, ки танҳо аз мавҷгирҳои моҳворавӣ истифода мебурданд, ба якборагӣ аз тамошои барномаҳои шабакаҳои телевизионии кишварамон маҳрум шуданд.

Агар дастгоҳҳои соддатари мавҷқабулкунаки пешина ё ба истилоҳи техникӣ тюнерҳои собиқа дар бозори имрӯза аз 50 то 100 сомонӣ арзиш дошта бошанд, тюнерҳои МП-4 аз 80 то 250 доллар арзиш доранд ва тайи чанд рӯзи охир мо мушоҳида накардем, ки касе аз чунин дастгоҳҳо харидорӣ карда бошад.

Агар дар хотир дошта бошед, тақрибан 5-6 моҳ пештар низ шабакаҳои телевизионии кишварамон рақами коди пахши барномаҳоро дигар карда буданд. Бинобар ин, чанд муддат тамошобинон аз тамошои барномаҳо тавассути мавҷқабулкунакҳои моҳворавӣ (антенаҳои параболӣ) маҳрум шуда буданд. Вале устоҳои мо он рақамҳоро дарёфт карда, ба мардум кӯмак карданд, ки тавассути тюнерҳои дарихтиёрдошта боз аз тамошои барномаҳои ин шабакаҳо баҳравар шаванд. Мутаассифона, акнун вазъ тамоман дигар аст.

Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё барои тамошои телевизион мардум ин қадар маблағ сарф карда, чунин тюнерҳоро харидорӣ мекунанд? Мутаассифона, ба назари ман касе ин корро нахоҳад кард.

Сӯҳбати мо шояд таваҷҷуҳи харидоронро ба худ ҷалб кард, ки онҳо дар атрофи мо ҷамъ шуданд.

**Рӯзноманигори шинохта Эгамназари СОҲИБНАЗАР, ки аз ноҳияи Ғончӣ мебошад, гуфт:**

-Дар ноҳияи мо ҳам гапу ҳарф ва арзу шикояти мардум дар ин бобат хеле зиёд аст. Чунки на дар ҳамаи манотиқи ноҳия барномаҳои шабакаҳои телевизионии кишварамон тавассути мавҷгирҳои оддӣ дастрас мешаванд. Ҳатто табақаҳои камбизоати ҷомеа ҳам ба хотири арзон будани мавҷгирҳои моҳворавӣ аз он истифода мебаранд ва аксари барномаҳои шабакаҳои телевизионии ҷаҳонро тамошо мекунанд. Ба ин васила, дар ноҳияи музофотӣ ҳам барномаҳои телевизионии кишварамон беолоиш пахш мегардиданд. Мутаассифона, тайи чанд вақти охир телевизиони тоҷик тамошобинони мавҷгири моҳворавидоштаи худро аз даст дод.

Ман ба як чиз ҳайрон мешавам. Гузаштан ба пахши барномаҳои рақамӣ худ кори хайр аст, вале дар ҳоле ки Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Туркманистон барин давлатҳои бой ба ин кор даст назада, акнун омодагӣ мебинанд, чаро чунин ташаббусро мо оғоз кардем? Фарз кардем, ки як миқдори муайяни сокинони кишварамон, бо назардошти ифтихори миллию эҳсоси ватандорӣ, чунин дастгоҳҳоро ба даст оварданд, вале ҳазорон-ҳазор тамошобинони бурунмарзии мо, ки аз чунин дастгоҳҳои соддатари мавҷқабулкунаки телевизионӣ истифода мекарданд, ҳеҷ вақт ба хотири тамошои телевизиони тоҷик ин корро намекунанд.

Гузашта аз ин, чуноне мо огоҳӣ дорем, бо ҳидояту дастурҳои Президенти кишварамон ҶСК «Тоҷиктелеком»-и мамлакат ба хотири он ки мардум камтар аз телефонҳои ҳамроҳ истифода баранд, ба 1 миллион хонаводаи Тоҷикистон на танҳо хати телефониро гузаронида пайваст менамояд, балки ҳамин миқдор дастгоҳҳои ройгони телефониро ҳадя карда, онҳоро то ду моҳ аз пардохти маблағи истифодаи телефон озод менамояд. Ин кор дар ноҳияи Ғончӣ оғоз шуд ва то 1 апрели соли равон ин амали хайр анҷом мепазирад. Фарз кардем, ки масъули бахши техникии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин нақша доштанд, чаро пешакӣ ин қазияро ҳал накарданд?

Лекин ҳаминаш аниқ, ки ин амали шитобкорона ба зарари аксари тамошобинони дохилию хориҷии мо аст.

**Ҷумъагул САТТОРОВА ном зани миёнсол, ки худро соҳибкор аз ноҳияи Шаҳристон муаррифӣ кард, чунин иброз намуд:**

-Ман имкони иқтисодӣ дорам, ки чунин дастгоҳро аз бозор харидорӣ кунам, лекин мардуми камбизоат, хусусан мардуми навоҳии сарҳадии кишварамон, ки бидуни ҳамин ҳам барномаҳои телевизионии шабакаҳои ҷумҳуриро бомароқ тамошо намекарданд, акнун якбора аз баҳри он мебароянд. Мутаассифона, на танҳо мардумони ғайритоҷики ин қаламрав, балки бисёр ҳаммиллатони худамон ҳам ин ҷо зери таъсири барномаю гуфторҳои телевизион ва радиоҳои кишвари ҳамсоя қарор доранд. Ин амал фазои иттилотии вилояти Суғдро, ки пештар ҳам ба истилоҳ «ғуборолуд» буд, олудатар месозад,-гуфт ӯ.

Пас аз чанд рӯзи ин гуфтугӯ дар маркази шаҳр гурӯҳи эҷодии телевизиони Суғдро дучор омадам, ки таҳти сарварии муовини раиси Кумитаи телевизион ва радио назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Ҳикматов андешаҳои мардумро дар ин бобат ба навор мебардошт. Албатта, андешаҳои мусбати мардумро. Инҷониб талабу дархостҳои тамошобинони аз тамошо маҳрумгаштаро ба онҳо расондам. Онҳо ба навор бардоштанд, вале муҳим он нест, ки ин гуфтаҳои банда пахш мешаванд ё не? Муҳим он аст, ки қазияи мазкур то ба ҳол пойбарҷо боқӣ мемонад ва он дар оянда чӣ гуна ҳал хоҳад шуд, вақт нишон медиҳад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

● Вакилони халқ 1938-2010



## ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**НЕЪМАТОВ Аҳтам**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Нулванд №288, ноҳияи Қалъаи хум***

Соли 1917 дар деҳаи Хоҷа Аҳрори вилояти Самарқанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Мудири шӯъбаи Кумитаи комсомол, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Роҳатӣ, котиби якуми Кумитаи комсомолии вилояти Сталинобод, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Роҳатӣ, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Кангурт, Ванҷ ва Қалъаи хум кор кардааст.

Бо медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**САТТОРҚУЛОВ Аскар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Мурғоб №289, ноҳияи Мурғоб***

Соли 1921 дар деҳаи Қизил роботи ноҳияи Мурғоб таваллуд ёфтааст. Миллаташ қирғиз.

Дар вазифаҳои агрономи қитъавии шӯъбаи замини Комиҷроияи ноҳияи Мурғоб, ходими шӯъбаи ноҳиявии молия, мудири ферма, раиси колхози ба номи Кирови ноҳияи Мурғоб кор кардааст.

Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст.



**РАҶАББЕКОВ Давлатбек**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Роштқалъа №290, ноҳияи Рошткқлъа***

Соли 1915 дар деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, директори мактаб, инструктор, мудири шӯъбаи ҳизби коммунисти Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Рӯшон, Ишкошим ва Роштқалъа кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**САЪДОНШОЕВА Меҳрафрӯз**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Рӯшон №291, ноҳияи Рӯшон***

Соли 1935 дар деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1954 оғоз намуда, ҳамчун узви колхози ба номи Ленин, ноҳияи Рӯшон кор кардааст.



**ШЛОНОВ Давлатбек**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Бартанг №292, ноҳияи Рӯшон***

Соли 1916 дар деҳаи Пасари ноҳияи Бартанг таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои раиси Шӯрои деҳот, мудири шӯъбаи Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилҳои меҳнаткаши ноҳияи Бартанг, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Вахон ва Ишкошим, раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткаши ноҳияи Ишкошим кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**МАМАДНАЗАРОВ Худойназар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Аскари Сурх №293, шаҳри Хоруг***

Соли 1916 дар деҳаи Дебастаи ноҳияи Шуғнон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, ҷонишини мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилоят, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Роштқалъа, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, сардори раёсати мактабҳо ва ҷонишини вазири маорифи ҶШС Тоҷикистон, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Шуғнон кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳои «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.



**ҒУЛОМҲУСЕЙНОВА Сабзабаҳор**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Помир №294, шаҳри Хоруғ***

Соли 1930 дар деҳаи Кушки ноҳияи Шуғнон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1956 оғоз намуда, ҳамчун муаллимаи омӯзишгоҳи занона ва муаллимаи мактаб-интернати ба номи Кирови шаҳри Хоруғ кор кардааст.



**МУЗОФИРОВА Низорахоним**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шуғнон №295, шаҳри Хоруғ***

Соли 1933 дар деҳаи Дашти Болои ноҳияи Шуғнон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1951 оғоз намуда, ҳамчун узви колхоз ва сардори бригадаи колхози ба номи Сталини ноҳияи Шуғнон кор кардааст.



**ҚОБИЛОВ Қаюм**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленин №296, шаҳри Чкаловск***

Соли 1927 дар шаҳри Ленинобод таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1944 оғоз намуда, ҳамчун мӯзадӯз, коргари боркаш ва коргари Заводи пахтатозакунии шаҳри Исфара кор кардааст.

Бо медали «Барои меҳнати шоён» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

● Фидоиёни маориф

# Омӯзгор ва роҳбари масъулиятшинос



Айдибек Қадамалиев аз зумраи омӯзгороне мебошад, ки тамоми ҳастиашро ба таълиму тарбия ва пешрафти соҳаи маориф бахшидааст. Ӯ зодаи деҳаи Намадгути ноҳияи Ишкошим буда, соли 1968 Институти давлатии педагогии шаҳри Душанберо бо ихтисоси омӯзгори фанни математика ва физика хатм кардааст.

Дар ҷараёни фаъолияти омӯзгориаш бо масъулият ва таваҷҷуҳи том адои вазифа намуда, дар як муддат ҳамчун омӯзгори хуб ном баровард. Натиҷаи кор ва заҳмату талоши ӯро дида соли 1979 ҷонишини директор оид ба кори таълиму тарбия дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 21 таъин карданд ва то моҳи сентябри соли 1981 дар ҳамин вазифа фаъолият намуд. Дар ин асно, дар баробари пурзӯр намудани назорату роҳбарӣ ба кори таълиму тарбия, инчунин бо заҳмат ва ташаббуси ӯ аввалин маротиба дар ноҳия дар мактаби номбурда кабинети таълимӣ-методии касбинтихобкунӣ таъсис дода шуд, ки аз тарафи мутахассисони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ баҳои баланд гирифт.

Солҳои 1981-1984 инспектори Шӯъбаи маорифи ноҳияи Ишкошим буд ва аз моҳи октябри соли 1984 то моҳи июни соли 1987 дар вазифаи мудири кабинети методии Шӯъбаи маорифи ноҳия адои вазифа намуд. Маҳз дар ҳамин солҳо баҳри равнақу ривоҷ додани кори маорифи ноҳия хизмати зиёд намуда, обрӯ ва эътибораш байни маорифчиёни ноҳия ва вилоят баланд шуд. Кабинети методии Шӯъбаи маорифи ноҳияи Ишкошим ҳамон солҳо яке аз беҳтарин ва пешқадамтарин дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ шинохта шуд. Аз ин рӯ, соли 1986 таҷрибаи он аз тарафи Маркази таълимӣ- методии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта ва паҳн карда шуд. Хизматҳои шоистаю арзандаи Айдибек Қадамалиевро ба инобат гирифта, соли 1984 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро бо нишони «Аълочии маорифи халқи РСС Тоҷикистон» қадр намуд.

Соли 1987 ӯро директори яке аз мактабҳои калонтарини ноҳия –мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21 таъин карданд ва то соли 1997 дар ин вазифа софдилона ва пурмаҳсул адои вазифа намуд.

Тӯли ин солҳо сатҳи таълиму тарбия дар мактаб ба зинаи баланд расид. Имкониятҳои таълимӣ ва тарбиявии мактаб такмил ёфта, пояи моддию таълимӣ ва техникиаш устувор гардид. Мактаб дар солҳои душвори навадум низ чун солҳои пештара фаъолият мекард. Шумораи дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ аз ҳисоби хатмкардагони мактаб нисбат ба солҳои ҳаштодум ду-се баробар зиёд гардид.

Солҳои навадум ва ибтидои солҳои дуҳазорум соҳаи маорифи ноҳия ба кадрҳои босалоҳияти роҳбарикунанда сахт ниёзманд буд. Аз ин рӯ, моҳи апрели соли 2003 Айдибекро ба вазифаи мудири Шӯъбаи маорифи ноҳияи Ишкошим таъин карданд. Мавсуф дар ин вазифа низ бо масъулияти баланд ва кордонӣ фаъолиятро идома дод. Таҳти роҳбарӣ ва ташаббусҳои ӯ соҳаи маорифи ноҳия сол аз сол мавқеъ ва мартабаи баландро соҳиб шуд. Сифати таълиму тарбия беҳтар гашта, соли 2008 ноҳияи Ишкошим аз лиҳози сифати таҳсилот дар миқёси ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол намуд. Иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои вилоятии мактаббачагон ва ҷумҳуриявӣ бештар гашта, солҳои 2007-2011 дар олимпиадаҳои вилоятии мактаббачагон 70 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гаштанд. Дар ин муддат 16 нафар хонандагони мактабҳои ноҳия дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба гирифтани медалҳои тилло, нуқра ва биринҷӣ мушарраф гаштанд.

Пояи моддӣ-таълимии мактабҳо ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф таҳти роҳбарии Айдибек Қадамалиев хеле мустаҳкам гашт. Бо ташаббуси ӯ мактабҳои рақами 47, 48 ва 49 аз нав таъмир ва сохта шуданд. Бо заҳмат ва талоши зиёди ӯ дар ноҳия аввалин маротиба барои хонандагони болаёқат мактаб - интернат ташкил шуд, ки дар маркази ноҳия ҷой гирифта буд. Аз соли 2003 то 2011-ум 40 мактаби ноҳия таъмир ва аз нав сохт шуданд, ки чунин суръати таъмиру сохтмон дар ноҳия таърихан вуҷуд надошт.

Тавре худи ӯ мегӯяд, ман чунин пешрафти маорифро бори нахуст мебинам, зеро дар даврони шӯравӣ дар як панҷсола фақат як мактаб аз нав сохта мешуду як мактабро базӯр таъмир мекарданд. Тасаввур кунед, ки аз 47 мактаби ноҳия 40 - тоаш таъмиру азнавсозӣ шуд. Дар баробари ин, базаи моддӣ-техникии мактабҳо хеле мустаҳкам гардид. Айни замон бо дастгирии Президенти мамлакат мактабҳои ноҳия соҳиби 288 компютер ва 59 принтер гаштаанд, ки ба ҳар 10 нафар хонандаи синфҳои 7-11 як компютер рост меояд. Ба маблағи қариб 400 ҳазор сомонӣ барои мактабҳои ноҳия мизу курсӣ аз тарафи Фонди захиравии Президенти мамлакат, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ шуд, ки ин ба пешрафти таълиму тарбия такони бузург бахшид. Ба маблағи садҳо ҳазор сомонӣ аз ҷониби раиси вилоят майдончаҳои варзишии назди мактабҳо таъмиру азнавсозӣ шуданд.

Дастовардҳои хонандагони мактабҳои ноҳия соли гузашта низ қаноатбахш буд. Онҳо дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ се медали тилло, як медали нуқра ва чор биринҷӣ ба даст оварданд, ки дар таърихи маорифи ноҳия чунин комёбӣ аввалин маротиба аст.

Хонандаи синфи нӯҳуми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №32 Таҳминаи Музофирбек моҳи май дар конфронси илмии Академияи хурди илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мавзӯи илмӣ баромад намуда, сазовори ҷойи дуюм ва аъзои академияи номбурда гашт.

Натиҷаи дохилшавии хатмкардагони мактабҳои ноҳия бо донишгоҳҳои олӣ низ назаррас мебошад. Аз 531 нафар хатмкардагони мактабҳо 372 нафарашон ба мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ дохил шудаанд. Танҳо 250 нафарашон ба мактабҳои олии кишвар ва 22 нафар ба мактабҳои олии хориҷи кишвар шомил гаштаанд.

Хонандаи синфи ёздаҳи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21 Гулнигор Тиллоева дар чор даври Озмуни телевизионии «Зебосанам-2011», ки аз байни 300 нафар довталабон интихоб гашт, бо 60 нафар беҳтаринҳо сабқат намуда, сазовори ҷойи сеюм ва ҷоизаи нуқрагини озмун шуд. Ин боиси ифтихор ва сарбаландии на танҳо маорифчиён, балки мардуми ноҳия гардид.

Хонандаи синфи ёздаҳуми мактаби таҳсилоти миёнаи №8-и деҳоти Вранг Фидои Юсуфбек ҳамчун ихтироъкор барои сохтмони осиёб аз Фонди захиравии Президенти мамлакат 60545 сомонӣ гирифт ва имрӯз осиёби ӯ кор карда истодааст.

Тамоми бурду бохти соҳаи маориф, аз ҷумла таълиму тарбия аз назорати дурусту роҳбарӣ ва қобилияти ба худ хоси мудири Шӯъбаи маорифи ноҳия Қадамалиев Айдибек мебошад, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯйи усулҳои нави таълиму тарбия ва шогирдони сазовори даврон аст.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

● Ба истиқболи 100- солагии матбуоти тоҷик

# ҲАМҚАДАМИ ЗИНДАГӢ

***Имсол ба таъсиси рӯзномаи «Вахш»-и ноҳияи Вахш 80 сол пур мегардад. Соли 1932 дар давраи азхудкунии водӣ рӯзнома бо номи «Ударник Вахшстроя» нашр гардид, ки дар он корнамоиҳои сохтмончиён -фотеҳони водии Вахш инъикос мешуд. Минбаъд он бо номҳои гуногун, аз ҷумла «Ифтихори Вахш», «Вахш» чоп гардид. Рӯзнома тӯли ин солҳо ба мактаби ҳақиқии маҳорати журналистӣ табдил ёфт. Шахсиятҳои шинохтаи кишвар дар ин рӯзнома кор кардаанд. Аз ҷумла Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар аввалин муҳаррири рӯзнома буд.***

Солҳои минбаъд низ рӯзноманигорони шинохта муҳарририи ин рӯзномаро бар ӯҳда доштанд. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дорандаи чандин ордену медалҳо Толиб Неъматов тӯли 17 сол муҳаррири ин рӯзнома буд.

Ман ҳангоми мактабхонӣ ба рӯзнома баъзан хабару мақолаҳо мефиристодам. Баъзе аз онҳо чоп мешуданду дигаре рӯйи нашрро намедид.

Охирин соли донишҷӯйиам ба идораи рӯзнома рафта, якчанд мақола ва ҳикояи аз забони русӣ тарҷуманамудаамро супурдам. Давоми сӯҳбат Толиб Неъматов аз хонданам пурсон шуд. Гуфтам, ки имсол университетро хатм менамоям. Ӯ хурсандона гуфт, ки оянда бо мо кор мекунӣ. Ба мо чунин ҷавонони соҳибмаълумот даркоранд. Баъд ба унвони роҳбарияти университет дархост навишта ба ман дод, то ки ҳангоми тақсимот онро ба инобат гиранд. Ҳамин тавр, соли 1970 баъди хатми Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) бо роҳхат ба рӯзномаи «Вахш» ба кор омада, ҳамчун ходими адабӣ фаъолияти худро оғоз намудам.

Аз лаҳзаҳои аввали кор маълум гардид, ки Толиб Неъматов шахси принсипноку сахтгир мебошад. Чун таҷрибаи касбӣ надоштам, дар навиштани мақолаю хабар ба камбудиҳо роҳ медодам. Баъзан ҳолатҳое буд, ки аз мақолаи 5-6 саҳифагӣ танҳо ду ё се саҳифа боқӣ мемонду халос.

Маълум, ки ба рӯзноманигори ҷавон ин маъқул набуд. Мехостам чун дигар рӯзноманигорон мақолаҳои ҳаҷман калон чоп намоям, аммо аз рӯйи эҳтирому одоб норозигӣ ва эътироз намекардам. Толиб Неъматов, ки таҷрибаи калони зиндагӣ ва рӯзноманигорӣ дошт, маро насиҳат мекард, нуқсон, камбудии навиштаҳоямро софдилона, беғаразона нишон медод. Бо гузашти вақт худам эҳсос менамудам, ки ҳанӯз таҷрибаам кофӣ набудааст. Умумигӯйӣ, овардани рақами зиёд, ҷумлаю иборaҳои муғлақ, хатоҳои имлоӣ- чунин буданд камбудиҳои нигоштаҳоям. Ҳама ин камбудиҳоро Толиб Неъматов бо мулоҳиза мефаҳмонд, насиҳат мекард, маслиҳат медод. Айбҷӯйӣ ва дағалӣ надошт. Масалан, мегуфт, ки овардани факту рақами бисёри хушку холӣ ба хонанда ҳеҷ гоҳ маъқул намешавад. Онҳоро бояд таҳлилу муқоиса кард то аз моҳияти масъала хонанда огоҳ шавад. Серҳарфӣ, умуминависӣ маҳорати касбии рӯзноманигорро коста мегардонад.

Бо дигар ҳамкоронаш низ ӯ чунин муносибат мекард. Дар фаъолияти минбаъдаам чунин муносибат, услуби роҳбарии Толиб Неъматов ҳамчун дастурамал хизмат кард.

Ӯ кормандони соҳибмаълумот, болаёқатро эҳтиром мекард. Аз ин сабаб дар ҳайати эҷодии рӯзнома чунин шахсони пуртаҷриба зиёд буданд. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Усмоналӣ Умаров- котиби масъул, мухбири суратгири рӯзнома буд. Шоирон - Пиримқул Сатторӣ, Зуҳуриддин Суярӣ ҳамон солҳо дар ҷодаи шоирӣ қадами устувор мегузоштанд. Баъдан Пиримқул Сатторӣ солҳои зиёд роҳбарии маҳфили адабии «Гулбарг»-и рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ро бар ӯҳда дошту Зуҳуриддин Суярӣ аз беҳтарин ва сермаҳсултарин кормандони Кумитаи телевизон ва радиошунавонии вилояти Қӯрғонтеппа дониста мешуд. Пиримқул Сатторӣ ва Зуҳуриддин Суярӣ муаллифи чандин китоб ва ҳар ду узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буданд.

Ҷонишини муҳаррири рӯзномаи «Вахш» Тӯра Қобилов минбаъд дар вазифаҳои масъули ҳизбӣ кор карда, солҳои зиёд муҳаррири рӯзномаи «Байрақи дӯстӣ»-и ноҳияи Бохтар буд. Саҳми Тӯра Қобилов низ дар тарбияи рӯзноманигорони ҷавон хеле калон аст.

Дастпарвари рӯзномаи «Вахш» Шукрулло Маҳмадалиев, ки фаъолияти кориашро аз ин ҷо оғоз намуда буд, минбаъд ба ҳайси директори мактаб, мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Бохтар ӯҳдабароёна фаъолият кард.

Рӯзноманигор ва нависандаи ҷавону умедбахш Шералӣ Нуралиев маҳорати худро дар рӯзномаи «Вахш» сайқал дод. Ӯ аз аввалин рӯзноманигорони ҷумҳурӣ мебошад, ки ба мукофоти Иттифоқи журналистони СССР мушарраф гардида буд.

Онҳое, ки дар бораашон бо некӣ, самимӣ ёдрас шудем, имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд. Аз ин миён Тӯра Қобилов, Пиримқул Сатторӣ ва Зуҳуриддин Суярӣ солҳои 1992-1993 ҳангоми даргириҳои дохилӣ аз дасти ҷинояткорони силоҳбадаст ваҳшиёна кушта шуданд. Онҳо давоми зиндагии худ ба ҷуз кору рафтори нек, дигар амалеро ба ҷо наовардаанд. Ҳамин аст, ки қалби чун ойина софу беғуборашон ҳамеша бо некӣ ёд хоҳад шуд. Гумон мекунам, ки онҳо ҳанӯз ҳам ҳампойи зиндагианд ва тавре шоири зиндаёд Пиримқул Сатторӣ дар ғазалаш менигорад:

*Ман ошиқам ба духтари*
*зебои зиндагӣ,*
*Бар гунчаи шукуфтаи*
*раънои зиндагӣ.*
*Аз ҳар нигоҳи тозааш*
*чашм об мехӯрад,*
*Эй ман фидои наргиси*
*шаҳлои зиндагӣ.*
*Сар то ба пой пайкараш*
*кони малоҳат аст,*
*Кардам назар ба чашми дил*
*фардои зиндагӣ.*
*Гуфтам, ки бо таронаам*
*дилдодаи туам,*
*Гуфто: «Хуш аст! Гар*
*будӣ ҳампои зиндагӣ».*

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

## Мушкилоти роҳ ҳал шуд

Фасли сармои имсола ба роҳи нақлиёти Бекат- Хуштоири Мухлони ноҳияи Ғончӣ мушкилот овард. Шамол барфро дар роҳ тӯда карда, ҳаракати нақлиётро мушкил гардонида, наздик ба 30 мошини мусофиркаш банд монд. Тавре котиби матбуотии раиси ноҳия Эгамназари Соҳибназар иттилоъ дод, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои аз байн бурдани ин қазия техникаҳои муассисаи истифодабарии роҳҳои ноҳия, КСМ- 28 ва як адад грейдер аз ноҳияи Ҷаббор Расулов сафарбар гардид. Дар натиҷа роҳ кушода шуда, ҳаракати нақлиёт хубтар гардид.

***Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

## Омодагӣ вусъат меёбад

Дар Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандии минтақаи Кӯлоб баҳри иҷрои чорабиниҳои банақшагирифта, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолати фавқулодда чораю тадбир андешида мешавад. Ситод дар ҳамкорӣ ва дастгирӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатию байналмилалии Ҳилоли Ахмар, Миссияи Шарқ, АКТЕД ва ОКСФАМ дар доираи тайёрӣ ва омодагиҳои мудофиаи шаҳравандии минтақа то имрӯз як қатор чорабиниҳоро амалӣ намуд. Дар бештари деҳаҳои офатзои ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Шӯрообод дар мавзӯъҳои пешгирӣ аз офатҳои табиӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда машқҳои таълимӣ гузаронида шуд.

***Т.ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***




## Таҷрибаи боғпарварони тоҷикро меомӯзанд

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Як гурӯҳ мутахассисони соҳаи кишоварзӣ аз Ҷумҳурии Туркманистон барои омӯхтани таҷрибаи кишоварзони тоҷик оид ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ, махсусан парвариши навъҳои беҳтарини дарахтони мевадиҳанда- ангур, хурмо ва себу нок ба кишвари мо омаданд.

Ҳайати гурӯҳ муддати чор рӯз дар корхонаҳои воҳиди давлатии «Тоҷикниҳолпарвар» ва «Навъҳои тухмии сабзавоти Тоҷикистон», Институти боғу токпарварӣ ва стансияҳои таҷрибавии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таҷрибаомӯзӣ менамояд. Дар оянда, дар доираи ҳамкориҳо миёни донишгоҳҳои илмӣ-таҷрибавии Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон оид ба масъалаи омӯзиши навъҳои гуногуни дарахтони мевадиҳанда шартномаҳои дахлдор ба имзо расонида мешаванд.

Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, дар ин ҷо вохӯрии муовини вазири кишоварзӣ Ҷ. Саидова бо меҳмонони туркман таҳти роҳбарии сардори Идораи омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба соҳаи аграрии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Туркманистон К. Сапаров доир гардид.

## Ҳамкории кишоварзон

**ЁВОН. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Аз ибтидои соли равон кишоварзони ноҳияи Ёвон ҳамкориро бо мутахассисони варзидаи соҳа аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ба роҳ мондаанд. Онҳо якҷоя бо мутахассисони хитойӣ дар майдони 80 гектар замин зироатҳои гуногуни кишоварзӣ кишт мекунанд. Таҷрибаи пешқадами мутахассисони хориҷӣ, қабл аз ҳама дар кишту парвариши пахта, шолӣ, сабзавот мавриди истифода қарор мегирад.

Бо мақсади рӯёнидани ҳосили фаровон ва самаранок истифода бурдани майдонҳои бо сабабҳои гуногун аз кишт берунмонда, дар вилоят соли гузашта низ аз таҷрибаи кишоварзони хитойӣ истифода гардида буд. Чунончӣ, дар ноҳияи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ҳангоми парвариши шолӣ дар замини партов ҳосили фаровон рӯёнида шуд.

## Назорати сифати маҳсулот меафзояд

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Кормандони Раёсати стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои минтақаи Кӯлоб дар давоми соли гузашта бо мақсади ба низом даровардани фаъолияти корхонаву ташкилот, соҳибкорону тоҷирон, ба тартиб даровардани фаъолияти бозорҳо, сеххо, нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ 642 санҷиш гузарониданд, ки ин нисбат ба як соли пешин 182 адад зиёд мебошад.

-Дар ин давра барои надоштани сертификати мутобиқат ба як қатор корхонаҳои намакистеҳсолкунии ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадониву Восеъ амрномаи манъи истеҳсоли маҳсулот дода шуда буд. Баъди коркарди маҳсулот ва ташхиси навбатӣ ба корхонаҳои намакистеҳсолкунии ноҳияҳои мазкур сертификати мутобиқат дода шуд,- гуфт дар сӯҳбат сардори Раёсат Ҳикматулло Сафаров.

## Ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ доир гардид

**ШАҲРИСТОН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Бо мақсади фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷавонони бекор, шинос намудани онҳо бо шарту шароити ҷойҳои кори холӣ ва аз ҷониби корфармоён барои пайдо кардани имконият дар интихоби коргарони зарурӣ дар ноҳияи Шаҳристон ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод доир гардид.

Бино ба гуфти корманди масъули Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия М. Каримова дар ярмарка ҳашт корхонаю ташкилот иштирок намуда, 38 ҷойи кори холӣ пешниҳод намуданд. Дар натиҷа, аз 105 нафар ҷавонони иштирокдошта 50 нафарашон ба гурӯҳҳои касбомӯзӣ ҷалб, се нафар бо кор таъмин карда шуда, се нафари дигар барои дарёфти кор роҳхат гирифтанд.

## Озмуни наврӯзӣ идома дорад

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Раёсати телевизион ва радиои вилояти Хатлон ба муносибати Иди байналмилалии Наврӯзи хуҷастапай озмуни расми беҳтаринро эълон кард. Озмун таҳти унвони «Тоҷикистон ватани Наврӯз аст» гузаронида мешавад. Дар озмуни мазкур толибилмони мактабҳои таҳсилоти миёнаи вилоят иштирок карда метавонанд. Ин қуввaозмоию санҷиши маҳорат дар байни ду гурӯҳи толибилмон сурат мегирад. Дар гурӯҳи якум хонандагони то синни 12- сола, дар гурӯҳи дуюм наврасони то 17- сола ширкат варзида метавонанд. Барои ғолибон тӯҳфаҳои хотиравӣ муайян гардидааст. Озмун дар арафаи ҷашни Наврӯз ҷамъбаст мегардад.

Тавре ба мо аз Раёсати телевизион ва радиои вилояти Хатлон иттилоъ доданд, аллакай аз ҷониби хонандагони дабистонҳо расмҳои зиёде ворид гардидаанд, ки онҳо аз маҳорату истеъдоди ҳунари рассомии бачаҳо гувоҳӣ медиҳанд.

## Мусобиқа ҷамъбаст шуд

**ХУҶАНД. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Бо мақсади баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонону наврасон, омода намудани онҳо барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Раёсати Шӯрои иттифоқи собиқадорони ҷанг, шӯъбаи маориф ва бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Хуҷанд дар литсейи ҳарбии маркази вилоят мусобиқаи ҳарбӣ-варзишӣ баргузор гардид.

Дар мусобиқа дастаҳо аз мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва гимназияҳо иштирок доштанд. Мусобиқа аз рӯйи намудҳои вазнбардорӣ, партофтани норинҷак, давидан ба масофаи 100 метр, тирпарронӣ аз яроқи пневматикӣ ҷараён гирифта, ғолибон муайян шуданд. Дар натиҷа, варзишгарони гимназияи №4-и шаҳри Хуҷанд ҷойи аввал, варзишгарони гимназияи № 13 ҷойи дуюм ва варзишгарони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 10-и шаҳри Хуҷанд ҷойи сеюмро соҳиб гаштанд.

## Чорабиниҳои маърифатию варзишӣ

**ФАРХОР. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Масъулони шӯъбаи маорифи ноҳияи Фархор бо мақсади такмили донишу маърифати фарҳангии хонандагон пайваста тадбиру усулҳои манфиатовари таълимиро истифода мекунанд. Чунончӣ, дар давоми таътили зимистона озмунҳои «Китобхони беҳтарин», «Ровии беҳтарин» ва Спартакиадаи мактаббачагон аз рӯйи 16 намуди варзиш баргузор карда шуд, ки ғолибони ин чорабиниҳо аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва шӯъбаи маориф бо тӯҳфаҳои молию хотиравӣ қадр гардиданд.

## Шоири бузургро ёдоварӣ карданд

**ИСТАРАВШАН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 18, деҳаи Сари Мазори деҳоти Гули Сурхи шаҳри Истаравшан бо ҳамкории китобхонаи бачагонаи шаҳрӣ бахшида ба 100-солагии зодрӯзи Мирсаид Миршакар таҳти унвони «Шоири дӯстдоштаи бачагон» конфронси хонандагон ташкил шуд.

Дар конфронс хонандагон Насибуллоҳи Ҳабибуллозод, Муҳиддин Эҳромзода, Гулнозаи Фирӯз, Далер Сиддиқов, Шариф Шодиев, Насибаи Фаридун, Гулнозаи Ҷумъазод шеърҳо ва достонҳои шоирро бо маҳорат қироат намуданд.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

## Душанбе ба Наврӯз омодагӣ мебинад

Омодагирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба тарҳрезию амалисозии нақшаҳо оид ба истиқболи сазовори Наврӯзи байналмилалии -2012 вусъати тоза касб мекунад. Дар робита ба ин, дар радифи чорабиниҳои фарҳангии театрикунонидашуда баргузории мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ баҳри таблиғи оммавияти варзиш ва ҷалби сокинон ба пешбурди тарзи ҳаёти солим ба нақша гирифта шудааст.

Яке аз ин чорабиниҳои варзишӣ дар пойтахт– пойгаи равон маҳсуб меёбад, ки он 27 марти соли 2012 дар КВД «Наврӯзгоҳи пойтахт» дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бо меъёрҳову иштироки доварони сатҳи байналмилалӣ бори нахуст дар таҷрибаи ин намуди варзиш доир карда мешавад. Бо ин мақсад бо даъвати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе феълан баҳри тарҳрезии корҳои омодагӣ менеҷери байналмилалӣ оид ба ташкили пойгаи равон аз Аморати Муттаҳидаи Араб хонум Елена Михай ташриф овардааст, ки 24 феврали соли ҷорӣ бо Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев мулоқот намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо масоили мутобиқсозии КВД «Наврӯзгоҳи пойтахт»-ро ба меъёрҳои пойгаи равони байналмилалӣ ва ташкил намудани ин намуди варзишро дар шаҳри Душанбе матраҳ намуда, дар навбати аввал барои дар чорабинии 27 март банақшагирифташуда ширкат варзидан даъват ва иштироки доварону нозирони байналмилалиро баррасӣ карданд.

***Ш.САИДОВ, котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе***

***«Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар кӣ дар нутқ риоя накунад, аз ин шараф бебаҳра бошад. Барои нутқ ба савоб (сухани рост) бояд Илло хомӯшӣ беҳ аз он бувад»***

**Аз «Футувватномаи Султонӣ» - и Ҳусайн Воизи Кошифӣ.**

Аз ҷумлаи афзалиятҳое, ки Офаридгор ба инсон нисбати дигар мавҷудоти зинда додааст, ин нутқи ӯ, яъне забону гуфтори ӯст. Боз муҳимтар аз ин заминаи ақлию фикрӣ доштани он нутқ мебошад, ки одам қабл аз сухан гуфтан фикру андеша мекунаду онро дар тарозуи ақл бармекашад. Инсон қодир аст сухани ноҷойи то бар забон омадаашро ба хотири ноҳоҳат накардани дигарон ё аз сараш дур кардани хатари ноҳоҳатӣ аз дигарон фурӯ бараду ба забон наорад. Дар бораи аҳамият, қадру қимат ва қудрати сухани инсон донишмандону файласуфони ҷаҳон фармудаву панду ҳикмат зиёде доранд.

Чаро «сухани инсон» танҳо хоси ӯст? Тӯтии сухангӯ низ қобилияти чанд калимаро ба забон овардан дорад, вале он тақлиде беш нест. Аз ҳамин ҷо ибораи «тӯтивор сухан гуфтан» маъмул шудааст. Ба инсон тӯтивор сухан гуфтан на ин ки зебанда нест, балки камоли нодонист.

Рисолати сухан ниҳоят бузург аст. Он метавонад сӯзанда ва созанда, кушанда ва эҳёкунанда бошад. Сухан метавонад инсонро ба қуллаи баланди шӯҳрату обрӯй расонад ва қодир аст, ба гуфтаи халқ, радди маърака созад. Бо як сухани дурӯғ, фитнаангез шаҳре, ҳатто ҷаҳонеро метавон ба коми оташ кашид, ки ин ҳамаро аҳли ҷаҳон ҳазорҳо маротиба шоҳид гардидааст.

Он чиро ки сухандонону соҳибқаламон мавриди аз тарафи иддае аз одамон ба забон овардани суханони қабеҳ, дашному ҳақорат, бидуни истиҳолаю шарм дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҳузури занону кӯдакон, худию бегона гуфтаанду навиштаанд, такрор карданӣ нестем. Ҳарчанд ин мавзӯест, ки кӯҳнаю дилбазан нест. Бо пешрафти ҷомеа, камолоти инсонӣ, зарурати ҳамешагии баргаштан ба ин мавзӯи муҳими ахлоқӣ дар ҳамон сатҳи зарурӣ боқӣ хоҳад монд. Ҳамин қадар илова карданӣ ҳастем, ки касе ҳусни баёни хуб дорад ва онро риоя мекунад, ҳам ба манфиати худаш мешаваду ҳам бар нафъи ҷомеа. Дар акси ҳол, вой бар ҳоли чунин узви ҷомеа ва чунин ҷомеае, ки кулли аъзояш баддаҳону бадгуфторанд.

● Дар баёни сухан гуфтан

# АЗ «БАЛО» ҲАЗАР

Мутаассифона, аз бефарҳангии иддае аз ҳаммиллат ва ҳамзабонони мо ҳусни баён аз бисёр ҷиҳат беҳбудӣ мехоҳад. Дигар забонҳои дунёро паст заданӣ нестем, вале бо забони ноби тоҷикӣ – форсӣ, ки дар ҷаҳон асрҳо инҷониб шӯҳрати хоса касб намудаву бисёр бузургони илму адаби ватанию хориҷӣ бо он асарҳо офаридаанд, бо забоне, ки ҳатто аҷнабиёни истилогарро мафтун намудаасту дилҳояшонро тасхир, бо забоне, ки дар он садою ифодаҳои ширину зебоиҳои нотакрори табиати афсункору биҳиштии диёр сабт гардидааст, қабеҳ гуфтан камоли шармандагӣ ва бетарбиятист.

Дар бораи бо сӯистифода аз мавқеи волои сухан ва эътиқоди мардум ба он аз ҷониби баъзе афроди бадхоҳу сияҳдили миллати ҷафокашидаи тоҷик, ки бо ҳар роҳу восита, аз ҷумла озодии сухану матбуот ҳар гуна ҳангомаю овозаҳои низоъбарангезандаро паҳн карданӣ мешаванд, низ алҳол батафсил чизе гуфтанӣ нестем, агарчи бар ҳадаф наздикие дорад.

Мурод аз рӯйи коғази поку сафед овардани ин сатрҳо ҳам ҳамон покию беолоиширо нигоҳ доштан асту баст. Мутаассифона, дар забону гуфтори ҳамарӯзаи мо иллатҳое дар сурати одатҳои бад мавҷуданд, ки хосияти хуб надоранд. Мафҳумҳои хосияту бехосиятӣ бошанд, беасос пайдо нашудаанд ва заминаи худро доранд. Чунин қубҳу ҷурмҳо ба забони мо мисли заҳрпечак ба навниҳолони сабз ончунон мустаҳкам часпидаанд, ки ба осонӣ халос шуданамон даргумон аст. Онҳо дар забони хурду калон ба мушоҳида мерасанд. Ҳатто муаллифи ин сатрҳоро ҳам на як бору ду бор эродҳои дӯстонаи шиносу ношинос аз ин боис дар хиҷолат мондааст.

Мисолҳое, ки овардаем, ҷузъи таркибии камбудиҳое мебошанд, агар мушт аз хирвор набошад ҳам ба ҳар ҳол кам нестанд. Яке аз онҳо дар сухангӯйиҳоямон васеъ истифода бурдани вожаи «бало» ҳаст. «Бало», ки дар сурати бадбахтию нокомиҳои вазнин, деву аждарҳои бадҳайбату даҳшатовар бо шуниданашон дар дили хурду калон тарсу ҳаросро ҷой медиҳад. Балое, ки инсоният тобу тавони дидану шуниданi онро надораду мусалмону насронӣ ва бутпарасту қавми дигар дар ибодатҳояшон аз болои сар дур будани онро илтиҷо менамояд. Аҷобаташ ин аст, ки бо ин ҳама мо - инсонҳо дар гуфтори ҳамарӯза бемалол, бо шавқу завқ ва бе ҳеҷ мулоҳизае номи онро гаштаю баргашта ба забон меорему аз рангинбаёниамон дар ифтихор мешавем. Ҳол он ки таъбирҳое чун «Номашро гиру гӯшашро каш», «Номи балоро гирифтӣ, пайдо мешавад!», «Нек гуфтӣ, нек ояд, бад гуфтӣ, бад» ва монанди инҳо кам нестанд, ки аз таҷрибаву мушоҳидаҳои ҳаётӣ сарчашма гирифтаанд, яъне асосе доранд.

Борҳо шунидаем, ки модарони алоҳида ба фарзандони ҷону ҷигари худ « Ҳе, иллоҳо ҷавонмарг шавӣ», «Номатро аз даҳони зоғу занбӯр шунавам!» « Балоят занад!» монанд ҷумлаҳои хосияти баддоштаро бе ҳеҷ андеша ба забон меоранд. Солорон шоҳидӣ медиҳанд, ки ҳодисаҳое низ рух додааст, ки баъди ин дуоҳои бад мусибате сар задааст. Дар миёни халқ ҳушмандон таъкид мекунанд, ки зинҳор нияти зиштро ба забон овардан лозим нест, чунки малоикае метавонад омин кунаду он мустаҷоб гардад. Мисле ки мо аз Худо, рӯҳу арвоҳҳои гузашта нияти некеро ба хотири мустаҷоб шуданаш илтиҷову хоҳиш менамоем. Аксаран ба наздики худ муроҷиат карда, сари ҷаҳл «О балоят мезад, агар барвақттарак меомадӣ?», «Рав, раву зудтар биё, ҳеҷ балоят намезанад!», «Чӣ чашмота мисли бало (ё гови ҳаром мурда) калон - калон кушода, ба ман нигоҳ дорӣ?» мегӯем.

Истифодаи фаъоли ин вожаи шумро ҳатто мояи ҳазлу шӯхӣ, лутфу навозиш ҳам қарор дода, завқ мебарем: « Ин одам не, як бало, офат аст- е!», «Ин қадар бало будаӣ?», «Ҳе, бовар бикун, ки бало туро дида, талхакаф мешавад!», «Туро ҳеҷ балое намезанад!», «Бало аз ту мегурезад!»...

Ба тифлаконамон аз дӯстдории зиёд «О, балочаи ман- е!», «Ин оянда як бало мешавад!» монанд суханҳоро лоиқ медонем.

Дар ҳолатҳои дигар қаҳролуд «Бало ба пасаш!», «Балояш занад!», «Балое ӯро дарёб намекунад!», «Балояш намезанад!», «Аз бало ҳазар!», «Аз як балои ҷон халос шудем!», «Боз ин балои дарди сар аз куҷо омад?» «Сад нобудаш!» - гуфта касеро бад мегӯему мазаммат менамоем.

Зиёдтар аз ҳама ибораи маъмули «Як балояш бикун!» -ро ниҳоят васеъ истифода мебарем. Вақте ба касе барои кӯмаке муроҷиат мекунему ҷавоби ноилоҷиашро мешунавем, дарҳол бо якравӣ «Як балояш бикун!» мегӯем. Кам одаме ёфт мешавад, ки «Як илоҷаш бикун» - ро ба забон оварда, боре ҳам бошад, аз бало дар ҳазар шавад.

Инкор намекунем, ки забони тоҷикӣ (форсӣ) замини беҳудуду дар замир ганҷу сарвати зиёди ниҳонро мемонад. Истифодаи санъатҳои бадеии сухан, бо тобишҳои лаҳҷаю шеваҳои зиёди дилчасп ба он ширинии дигар бахшида, онро шуниданию хотирмон намудааст. Аммо, таассуф, ки дар мисоли намунаҳои овардашуда на ҳамаи онҳо мазмунан ба табиати мардуми бофарҳанг, хайрхоҳу дилсоф, меҳмоннавозу шеъру адабпарвари тоҷик рост меоянду дар забон, талаффуз чун обу ҳаво зарурат доранд. Забони мо забони шеър, ифодаю тасвирҳои зебо, забони рӯҳу ҷон аст. Фасоҳати онро бояд нигаҳ дошт. Боиси истиқбол аст, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба хотири рушди забони давлатӣ як қатор қонуну санадҳои расмии муҳим қабул гардидаанд, аммо аз як даст садо намебарояду бо як гул баҳор намешавад. Мо – ҳамаи соҳибони ин забони куҳану тамаддунсоз, аз коргари оддӣ то вазиру кабир бояд худро дар ин кори хайр масъул ҳисобему ҳаракате кунем, зеро он пеш аз ҳама забони модарии мост. Чӣ хуб гуфта шоир дар ин боб:

*Забонро тоза мебояд нигаҳ дошт,*
*Ба он бояд ҳамеша арҷ бигзошт.*
*Ки миллат бе забон миллат*
*набошад,*
*Варо бояд ба арши олӣ бардошт.*

***Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»***

# МОДАРЕ, КИ ҲАДАФИ ЭҶОДАШ ТАРБИЯИ МИЛЛАТ АСТ



**«Қалби модар зеботарин ва ҷовидонатарин ҷойгоҳи фарзанд аст, ҳатто дар рӯзҳое, ки мӯйҳои фарзанд сафед гардад»**

***У.Шекспир***

Дар бораи модар чизе эҷод карданӣ мешавам, аммо муяссарам намегардад ва барои таскини худ аз рӯҳаш омурзишу бахшиш мехоҳам:

***«Маро бубахш, модар, ки…»***
***Узри бадтар аз гуноҳ.***

Рӯй меорам ба эҷоди бузургони адабиёт. «Модарномаи»-и устод Лоиқ мафтунам месозад. Ӯ дарди дили ҳамаи фарзандони оламро суруда, аммо ҳар кас ба қадри худ бояд хизмате дар гиромидошти ёду хотири модар ба ҷой оварда бошад. Самимияти нигоштаи Расул Ғамзатов таскинам мебахшад:

«Ҳар кас модари худро ҳар хел ёд мекунад. Ман модарамро ҳам субҳ, ҳам чоштгоҳ, ҳам бегоҳӣ ёд дорам…

Ба об мерафт, гаҳвора меҷунбонд, ба оташдон алов мемонд. Ба оташдон алов мемонд, ба об мерафт, гаҳвора меҷунбонд. Гаҳвора меҷунбонд, ба оташдон алов мемонд, ба об мерафт…».

Ман низ модари худро дар тасвири шоири доғистонӣ кашф карданӣ мешавам, гарчанде ӯро ёд надорам. Тақдир дар гаҳвора маро аз дидори модар бенасиб гардонд, вале…

Барои таскини дил китоби «Бӯи модар»-и Гулчеҳра Муҳаммадиеваро варақгардон мекунаму чорабинии ба шарафи муаррифии ду китоби тозаэҷоди ин нависанда «Бонувони Фархор» ва «Бӯи модар», ки дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бо иштироки аҳли қалам баргузор гашта буд, пеши назар ҷилвагар мегардад. Гумон надоштам, ки дар рӯнамоии китобе ин қадар таваҷҷуҳ мешавад, ки қариб аксарияти чеҳраҳои намоёни адабиёт иштирок мекунанд. Дар маҷлисгоҳ ҷойи нишаст камӣ кард. Ҷойи курсии иловагӣ мондан ҳам намонд, вале омадани адибон ҳанӯз давом дошт. Ҳар кас дар бораи эҷоди Гулчеҳра Муҳаммадиева андешаронӣ мекард, ҳатман ба ӯ дастагуле тӯҳфа менамуд. Баъди лаҳзае ӯ дар оғӯши гулҳо қарор дошт.

Аз саҳифаҳои таърих бароямон равшан аст, ки таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик занеро ёд надорад, ки умри худро шуғли насри бадеӣ карда бошад. Оғоз аз Робияи Балхӣ ва Маҳастии Хуҷандӣ ҳама бонувони эҷодкор шоира буданд.

Шодравон Муаззама Аҳмадова муаллифи ягона маҷмӯаи ҳикоёти «Соҳиби аспи сафед» эҷодиёти худро аз наср оғоз кард, аммо таассуф, ки нахли умраш рушд наёфта, решакан гардид.

Замони бист соли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Шамсия, Ҳанифаи Муҳаммадохир, Матлуба Ёрмирзоева қадам ба майдони насри тоҷик монданд.

Дар ин миёна Гулчеҳра Муҳаммадиева мақоми хоса дорад ва қадамҳояш хеле устувор мебошад. Гулчеҳра баъди хатми донишгоҳи олӣ ҳамагӣ се сол мувофиқи ихтисосаш кор кард. Сипас, ба кори комсомол ва ҳизбу ҳукумат ҷалб гашту ба гумонам, аз илму адабиёт дур шуд. Вале ду-се сол пеш як даста ҳикояҳои ба тозагӣ эҷодкардаашро ба ман барои хондан доду аз мутолиаи онҳо дар ҳайрат мондам, ки бо он ташвишу серкорӣ аз куҷо вақт ёфта, чунин кори муҳимро ба сомон расондааст.

Муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагон Абдулҳамид Самадов дар рӯнамоии китобҳо иброз дошт, ки Гулчеҳра Муҳаммадиева дар муддати кӯтоҳ ба адабиёт ворид гардида, байни ҳаводорони наср эътибор пайдо кард. Муваффақияти Гулчеҳра дар он аст, ки қаҳрамонони қиссаву ҳикояҳои ӯ бофтаи хаёл набуда, нафаронеанд, ки ҳангоми фаъолияташ дар вазифаҳои гуногун бо онҳо вохӯрда, ҳамроҳашон кор карда, хулқу рафтор, хислатҳояшонро хуб омӯхтааст. Аз ин рӯ, тавонистааст, ки образи қаҳрамонҳояшро воқеӣ тасвир намояд.

Як муваффақияти дигари эҷодии Гулчеҳра дар интихоби мавзӯъ аст. Ӯ ба мавзӯъҳои муҳими замон даст задааст. Яке аз ин мавзӯъҳо баёни вазъи ҳамватанони мо дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад.

Дар китобҳои ӯ - «Як шаб…», «Қасоси зан», «Бонувони Фархор», «Бӯи модар» аксарияти қаҳрамонҳо бонувон-модаронанд.

Ӯ худ бонуи хонадон ва модари панҷ фарзанд аст ва медонад, ки фарзандони замонро чӣ тавр ва бо кадом роҳ тарбия кардан лозим. Рӯ меорем ба фармудаи ӯ дар як нигоштааш: «Ҳар рӯз кампири Сайрам такрор ба такрор таъкид мекард, ки чорворо болои қабристон начаронад, чунки убол аст. Шири додаи он гов ҳаром ҳисоб мешавад. Хуршед кӯшиш мекард таъкиди модаркалонро риоя кунад. Аз назди қабристон дуртар мечаронд подаро. Хуршед ҳар рӯз вақте ба ин баландӣ мебаромад, албатта, болои сари қабри модар рафта фотеҳа мехонд, бо ӯ хаёлан сӯҳбат мекард. Болои қабри модари ӯ низ ягон нишонае мондагӣ набуд. Доимо ин савол ӯро ором намегузошт. Охир, модараш бесоҳиб нест-ку! Падару модар ва се бародар дорад. Барои чӣ онҳо болои қабри хоҳарашон санге нагузоштаанд?» Ин таъкид хонандаро ба андеша водор месозад.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматулло Мирзоев зикр кард, ки асарҳои офаридаи Гулчеҳра умедбахш буда, аз ҳаёти воқеӣ маншаъ мегирад ва асос он, ки офаридаҳои ӯ ҷавҳар дорад. Забонаш содда, оммафаҳм ва хушбаён мебошад. Қаҳрамонҳои асосии асарҳои Гулчеҳра занон буда, ӯ дар тасвири ҳаёти занон ба муваффақият ноил гаштааст. Образи Хайрӣ дар ҳикояи «Қасоси зан» хеле ҷолиб ба қалам дода шудааст. Тарбиявӣ будани офаридаҳои Гулчеҳра қимати асарҳояшро зиёда мегардонад…

Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ, ки ба китоби «Бӯи модар» пешгуфтор навиштааст, зикр мекунад, ки нависанда зиндагиро бо ҳама тобишҳояш хуб медонад. Аз ҳамин рӯ, навиштаҳои Гулчеҳра зинда, ҷолиб ва барангезандаанд, онҳо аз сохтакориву рангубору такаллуф орӣ ҳастанд, самимӣ ва дилнишинанд.

Гулчеҳра Муҳаммадиева ба ғайр аз эҷодкор будан корманди масъули давлатӣ аст. Ӯ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа дорад. Тавре раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Хайринисо Юсуфӣ зикр мекунад: «Маҷмӯаи тозаэҷоди Гулчеҳра Муҳаммадиева «Бонувони Фархор», китобест перомуни кору рӯзгори бонувони ноҳияи Фархор, ки тавонистаанд рисолати инсониву ихтисосии хешро дар сатҳи шоиста анҷом диҳанд. Муаллиф бо истифода аз далелҳои мӯътамад ва илмӣ аз таърихи кӯҳанбунёди диёр сухан ронда, зикр менамояд, ки ин обу хоки фарҳангкарин имрӯз низ тавассути мардуми барӯмандаш дар рушду густариши ҳунару маърифат ва сиёсати миллӣ саҳми арзишманд мегузоранд».

Бо Гулчеҳра хаёлан ба сайри Фархор мебароям, то чун ӯ лаҳзае аз бӯи модар…

«Ман чӣ мехоҳам Худоё,
Ман дигар кӯдак нахоҳам шуд, дареғо…
***Одамӣ, ки ҳар қадар солору пурармон шавад,***
***Боз мехоҳад, ки боре кӯдаки нодон шавад».***

Варақгардон мекунам «Бӯи модар»-ро ва бо навиштаи муаллиф қадам мебардорам дар кӯчаҳои фаромӯшшудаи кӯдакии аздастрафтаи хеш:

«Ҳар гоҳе ба зодгоҳам –Фархори кӯҳан сафар кунам, аз ҳама ҷо: аз хиёбонҳои пур аз гулҳои шабнамзадаву хушнакҳату хушрӯй, аз боғу роғи гулафшон, аз оруву мурғакони пуркор, аз дарахтони сермеваи пурбор, аз инсонҳои баору номуси ин диёр, хулоса аз ҳама чизу аз ҳама кас, аз одаму олам ба машомам бӯйи модар меояд…».

***М.АМИРШОҲӢ***


# Обуна ба

## «АХБОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2012 ДАВОМ ДОРАД

«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад.

«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст:

- дар фасли I қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар фасли II шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ;

- дар фасли III қарорҳои шӯроҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд.

Нархи обунаи солонаи маҷалла, бе назардошти хизматрасонии КВД «Почтаи Тоҷик», 144 сомониро ташкил мекунад.



АГРОИНВЕСТБОНК

SMS–МАЪЛУМОТДИҲИ ОИДИ АМАЛИЁТҲОИ КОРТҲОИ ПЛАСТИКӢ

Хизматрасонии «SMS-маълумотдиҳӣ» имконият медиҳад, ки таҳлили амалиётҳои бо ҳисоби корти пластикӣ гузаронидаро назорат баред. Маълумот тариқи SMS-хабар ба телефонҳои мобилии дорандагони корти пластикӣ ирсол карда мешавад.

Барои пайваст шудан ба хизматрасонии SMS-маълумотдиҳӣ мизоҷ бояд, ки муштарии яке аз операторони мобилии Тоҷикистон буда, ба бонк ариза пешниҳод намояд.

- Маълумотҳо оиди ҳар як транзаксия бо ҳисоби корти пластикӣ;
- Маълумот оид ба итмом расидани мӯҳлати амали корти пластикӣ;
- Маълумот оиди бақияи ҳисоб




www.agroinvestbank.tj +992 (44) 600-68-68


БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 547/1-246 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 13 | 12.03.2012 $9^{00}$ |
| 548/1-247 | Кохи «Истиқлол», Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Бензини АИ-92<br>Сӯзишвории дизелӣ | литр<br>литр | 2500<br>1000 | 12.03.2012. $9^{35}$ |
| 549/1-248 | Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 6 | 12.03.2012 $9^{45}$ |
| 550/1-249 | Муассисаи давлатии клиникавии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 17 | 12.03.2012 $10^{00}$ |
| 551/1-250 | Муассисаи давлатии клиникавии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 12 | 12.03.2012 $10^{45}$ |
| 552/1-251 | Клиникаи илмии гастроэнтерологияи Академияи илмҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон (суратҳисоби махсус) | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | маҷмӯъ | 200 | 12.03.2012 $11^{00}$ |
| 553/1-252 | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Бензин | сомонӣ | 45000 | 12.03.2012 $11^{30}$ |
| 554/1-253 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 12.03.2012 $11^{45}$ |
| 555/1-254 | Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 376 | 12.03.2012 $9^{00}$ |
| 556/2-205 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3 | Ф.Абдурахмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 148 | 12.03.2012 $9^{35}$ |
| 557/2-206 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.И.Сомонӣ | Ф.Абдурахмонов 227-65-78 | Ниҳол ва поруҳои органикӣ | номгӯй | 12 | 20.03.2012 $9^{00}$ |
| 558/2-207 | Шӯъбаи маорифи н.Сино | Ф.Абдурахмонов 227-65-78 | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 7 | 20.03.2012 $10^{00}$ |
| 559/3-73 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36, н.Рӯдакӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36 | тибқи санади нуқсонӣ | | 12.03.2012 $9^{35}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## Тасҳеҳ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Даъватномаи (ДИО) №31/2-170 аз 16 феврали соли 2012, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» (№21 (2848) 21 феврали соли 2012) нашр гардида буд, рӯзи баргузории озмун соати $9^{20}$ 29 феврали соли 2012 хонда шавад.

# ОБЩЕСТВО КРАСНОГО ПОЛУМЕСЯЦА ТАДЖИКИСТАНА

Общество Красного Полумесяца Таджикистана (ОКПТ), приносит свои извинения за допущенную техническую ошибку касательно срока объявления тендера на **изготовление полиграфической продукции**, по программе «СВНFA», осуществляемое при финансовой поддержке Финской Красный Крест (ФКК) в газете «Садои мардум» от 18 февраля 2012 года за №20 (2847). Доводим до Вашего сведения, что последний срок подачи предложений на вышеизложенный тендер исправлен на 4-ое марта 2012 года до $9^{00}$ часов.

Для участия в тендере необходимо представить письмо - намерение об участие, копия документа/ сертификат об официальной регистрации компании и копию справки с налогового органа о не задолженности.

***Данное требование является обязательным условием тендера.***

Для получения специального приглашения и детальной спецификации все заинтересованные компании и организации могут обратиться по адресу:

**г.Душанбе, ул. О.Хайяма 120, Отдел материально-технического обеспечения ИА ЦК ОКПТ. Тел: 224-03-74.**

ОКПТ оставляет за собой право принять все или часть предложения, самая низкая предложенная цена может быть не принята.

***Последний срок подачи предложений 4 марта 2012 года, до $9^{00}$ часов местного времени.***

## Барҳам мехӯрад

ЉДММ «Фалкон», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0098127 бо РЯМ 0710004625 ва РМА 070010665 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода бо суроғаи маҳаллаи 1-ум, бинои 31, ҳуҷраи 27-и шаҳри Турсунзода 17 июни соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Шаҳрванд Нуралиева Ҳалима Турдиалиевна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0105444 бо РЯМ 0930033986 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 5 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Шаҳрванд Атикулло Ҳамидулло, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0022982 бо РЯМ 0430008691 ва РМА 045767418 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Федин 39/41-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 23 декабри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## Эътибор надорад

Номаи камоли силсилаи БП №973807-и гумшуда, ки онро МТМУ №55, ноҳияи Рӯдакӣ соли 1983 ба Қарақулов Абдукарим Абдулазизович додааст, эътибор надорад.

Патенти №0057848 бо РЯМ 0130019542-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 16 апрели соли 2010 ба Шарифов Сафарбек Амонович додааст, эътибор надорад.

Номаи камоли силсилаи АБ, №060683-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №10, ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон соли 1999 ба Гулов Баҳодур додааст, эътибор надорад.

Патенти №0087072 бо РЯМ 0930025800-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 13 майи соли 2010 ба Худойдодов Маҳмадалӣ Хотамоич додааст, эътибор надорад.

Роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мудири шӯъбаи молиявӣ-сармуҳосиби Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳисорӣ Абдуллоев нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Роҳбарият ва кормандони ҶСК «Агроинвестбонк» аз марги нобаҳангоми сардори филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Ёвон

**ҶӮРАЕВ ҚУРБОНАЛӢ**

андӯҳгин буда, ба фарзандону пайвандонаш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

**Садои МАРДУМ**

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 27 феврали соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26715 нусха*

*Навбатдори шумора Неъматулло Солеҳов*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова